**Суратмаҷлиси № 6**

маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"

аз 25-уми январи соли 2023

**Иштирок доштанд:** раис ва аъзои Шӯрои олимони факултети забонҳои шарқ, муқарризони холиси экспертизаи давраи дуюми диссертатсия – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Нуров Н.Н., номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Исмаилова М.О., роҳбари илмии диссертатсияи баррасишаванда – доктори илми филология, профессор Ғаффорова У.А.

**Рӯзнома:**

1. Баррасии диссертатсияи PhD- докторанти кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" оид ба экспертизаи давраи дуюми диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ».

**Шунида шуд:**

**Раҳимов И.У.** – раиси Шӯрои олимони факултети забонҳои шарқ, номзади илми филология, дотсент Раҳимов И.У. маҷлисро кушода, иброз дошт, ки дар рӯзномаи маҷлис муҳокимаи диссертатсияи PhD-докторанти кафедраи филологияи араби факултет дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» мебошад. Мутобиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи Саидсултонхон Саидғанизода-ро муқарризони холис хондаанд ва бештари муҳокимаҳо аз ҷониби муқарризони холис гуфта мешавад. Муқарризони холис доктори илми филология, профессор Нуров Н. ва номзади илми филология, дотсент Исмаилова М. ҳастанд, ки онҳоро хуш омадед мегӯем! Аъзои Шӯрои олимони факултет барои гузаронидани ҷаласа ин ҷо ҳастанд ва ҳоло

мехоҳам суханро ба котиби Шӯро Содиқова Рухангез диҳам то ки ҳозиринро бо ҳолномаи диссертант шинос кунад.

Содиқова Р.- Ассалому алайкум ҳозирини арҷманд ва меҳмонони гиромӣ! Ҳолномаи Саидғинизода Саидсултохон.

Саидғанизода Саидсултонхон 12-уми марти соли 1991 дар шаҳри Хуҷанд дар оилаи коргар таваллуд шудааст. Соли 1998 ба мактаби №16-и шаҳри Хуҷанд рафта, соли 2009 онро хатм намудааст. Худи ҳамон сол Саидғанизода Саидсултонхон ба факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" аз рӯи ихтисоси филолог-шарқшинос, забоншинос, муаллими забони арабӣ ва забону адабиёти тоҷик дохил шуда, соли 2013 хатм намудааст. Солҳои 2012 то соли 2017 ба ҳайси коргузори кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқ ва аз соли 2017 то ҳол ҳамчун муаллими кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқ фаъолият дорад.

Ӯ пайваста бо корҳои илмӣ машғул буда, дар таълифи як қатор мақолаҳои илмӣ саҳм дорад. Дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузаронад. Дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол аст. Барои фаъолияти пурсамараш бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравии раёсати донишгоҳ қадр карда шудааст.

Рислолаи номзадии унвонҷӯи кафедра Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» кафедраи филологияи араби факултети забонҳои шарқи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" таҳти роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ғаффорова У.А. таълиф ва ба дифоъ омода гардидааст.

Оиладор соҳиби ду фарзанд мебошад.

Сухан барои шинос кардан бо муҳтавои диссертатсия ба унвонҷӯ Саидғанизода Саидсултонхон дода шуд. Диссертант Саидғанизода Саидсултонхон дар маърӯзаи худ оид ба мақсад, вазифа ва муҳтавои диссертатсия гуфт:

"Ассалому алайкум устодони азиз, раиси муҳтарам ва кулли меҳмонони иззатманде, ки ин ҷо ташриф овардаанд! Мехоҳем, ки муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро ба самъи Шумо расонем.

Ташаккули афкори адабиву ирфонӣ ва фалсафӣ ва таҷассуми он дар осори арзишманди суханварону донишмандони гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тамоми даврони рушди тамаддуни башарӣ шеъру осори мансур ба унвони воситаҳои муҳимтарини матлабҳои фалсафӣ, андешаҳои ирфониву ҳикамӣ хидмат намуда омадааст. Бахусус, адабиёти сӯфия бо сарчашмагирӣ аз китоби муқаддаси «Қуръон»-у ҳадис,

ҷаҳоншиносии тоисломии эрониву ҳиндӣ, юнониву румӣ, барои ба вуҷуд овардани мактабҳои ҷудогонаи фалсафӣ ва ирфонӣ хидмат намудааст, ки ҳадаф ва мароми аслии ин макотиб пеш аз ҳама дар осор ва таълифоти соҳибони онҳо таҷассум ёфтаанд. Маълум аст, ки дар аҳди аввали густариши тасаввуфи исломӣ аксари намояндагони барҷастаи он чун Иброҳими Адҳам, Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Шиблӣ, Ҳасани Басрӣ ва дигарон дар ташаккули тасаввуфи амалӣ ё ба маъруф хонақоҳӣ саҳм гузоштаанд. Аммо нубуғи фикрии Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Наҷмиддини Кубро, Маҷдуддини Бағдодӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ ва дигарон асосан ба ривоҷи маънавию назарии афкори фалсафӣ ва ирфонии асрҳои миёна боис омада, барои ба вуҷуд омадани мактабҳои марбут ба номи эшон ва таҷассуми ин афкор дар таълифоташон омил гардидааст. Дар баробари ин бузургон бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои зуҳури афкори фалсафӣ ва ирфонӣ Аҳмади Ғаззолӣ чун мутафаккир ва файласуфи ориф тавонист, ки мақоми махсуси худро пайдо намуда, барои таълифи кутуб ва рисолаҳои пурбори ирфонию фалсафӣ дар ҷаҳоншиносии мардумони Машриқзамин саҳми босазое аз худ ба ёдгор гузорад.

Мутолеаи ин осори гаронмояи Аҳмади Ғаззолӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дар чунин як ҳавзаи бузурги фикрие ба ҷаҳони афкори фалсафӣ ва ирфонӣ саҳм ниҳодааст, ки аслу бунёди мактабҳои фалсафаи он ба афкори исломӣ ва ҷараёнҳои тасаввуфии сарчашма ба китоби муқаддаси Қуръон ва аҳодиси набавӣ ва маҷмӯан ба ҷавҳари оини мусалмонӣ такя намудааст. Аз ин рӯ, осор ва афкори адабӣ, ирфонӣ ва фалсафии ин мутафаккир ва нависандаи ориф низ пеш аз ҳама мағзи тафаккури исломиро фаро гирифта, дар ҳамин замина ба як таълимоти хосаи фалсафӣ ва ирфонӣ бадал гардидааст, ки таҷассуми равшани онро мо дар кутуб ва рисолаҳои маъруфи ӯ чун «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Мактубот», «Рисолат-ут-туюр» ва ғайра метавонем ба мушоҳида бигирем. Аз назари дигар, ношинохтагии ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиёти асримиёнагии тоҷик ва арзишҳои адабии ин ҳама таълифот дар назди мо вазифаҳоеро мегузорад, ки бештару пештар ба ин таълифот руҷуъ намуда, бозтоби афкори фалсафӣ, ирфонӣ ва адабии ӯро баррасӣ намоем, ки пеш аз ҳама онҳо дар сурати чандин навъи насри адабӣ ҳамчун маҳсули адабиёт ва ашъори дар миёни онҳо таҷассум ёфта, аносири адабиро ҳамчун воситаи муҳимтарин инъикоси тафаккури сиёсиву иҷтимоӣ, фалсафиву ирфонӣ муаррифӣ намудаанд.

Боби аввали рисола **“Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ”** унвон дошта, аз чаҳор фасл иборат аст. Дар фасли аввали боби мазкур, ки **“Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ”** номгузорӣ шуда, имтидоди замоние, ки Аҳмади Ғаззолӣ умр ба сар бурдааст, нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро дар бар мегирад. Фасли дуввуми боби аввал **“Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII”** унвон гирифтааст. Ин фасл аз вазъи иҷтимоии асрҳои XI-XIII оинаи даврони муҳимтарини таърихи тасаввуфи исломӣ аз ҳаёти сӯфиён ва табақаҳои мухталифи мардум маълумот медиҳад. Фасли сеюми боби аввал **“Зиндагиномаи Аҳмади Ғаззолӣ”** унвон дорад. Дар ин фалс оид ба рӯзгори Аҳмади Ғаззолӣ аз кӯдакӣ то реҳлат гуфта мешавад. Фасли чоруми боби аввал **“Мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ”** ном дошта, дар фасли мазкур муҳимтарин осори адабии Аҳмади Ғаззолӣ муаррифӣ ва баррасӣ ёфтаанд.

Осори Аҳмади Ғазззолӣ монанди навиштаҳои бародараш Абӯҳомид бархе ба форсӣ ва бархе ба арабӣ аст. Аммо бар хилофи Абӯҳомид Аҳмад китоби бузурге монанди “Эҳёи улум” ё “Кимиёи саодат” нанавишта аст. Навиштаҳои ӯ умуман номаҳо ё рисолаҳои кӯтоҳест, ки бештар дар посухнома ё бино ба тақозои муридону дӯстон навишта шудааст. Бузургтарин асари ӯ “Лубоб-ул-эҳё” аст, ки он ҳам дар ҳақиқат тасниф ба шумор намеояд, зеро хулоса ё баргузидаи “Эҳёи улум” мебошад [28,266].

Савонеҳ-ул-ушшоқ яке аз маъруфтарин китобҳои Аҳмади Ғаззолӣ буда, бо забони форсӣ навишта шудааст. Ин китоб аз ҷумлаи осори муҳими Аҳмади Ғаззолӣ маҳсуб мешавад, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҷойгоҳи хоса дорад.

“Рисолату-т-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ низ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст.

Боби дуюми рисола “**Сохтору муҳтаво ва ҷанбаҳои ирфонии насри Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-Туюр”** унвон дошта, ба панҷ фасл тақсимбандӣ гардидааст.

Фасли аввал тахти унвони **Нусхаҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва “Рисолат-ут-туюр”** нусхаҳои хаттии «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-ро бозӯ мекунад. Зерфасли якуми рисола **“Сохтор ва муҳтавои “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** унвон гирифтааст. Дар ин фасл сохтори фаслҳои “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва иртиботи онҳо бо якдигар баррасӣ мегардад. “Савонеҳ-ул-ушшоқ” аз як муқаддима ва ҳафтоду шаш фасл иборат мебошад.

Муқаддимаи китоб бо “Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим”, оёте аз Қуръони Карим ва салавот бар ҳазрати Расул (с) ва хонадони вай оғоз мешавад. Нахустин ҷумлаи муқаддима муаррифии мавзӯи матн аст: “Ин ҳуруф муштамил аст бар фусуле чанд, ки ба маъонии ишқ тааллуқ дорад”

Дар фасли аввали китоб чунин меоварад:

Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо...

Зерфасли дувуми фасли якум аз боби дувум **“Ҷанбаҳои ирфонии “Савонеҳ-ул-ушшоқ унвон”** дорад. Дар ин мабҳас ҷанбаҳои ирфонии асар ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ миқдори фаровони истилоҳоти адабиву ирфониро дар синаи худ ҷой дода (нафси ишқӣ, нафси собиқ, корхонаи ғайб, ...ва ғайра ) ва ин мӯҷиби рӯи кор омадани рисолаи махсусе гаштааст.

Зерфасли сеюм **“Сохтор ва муҳтавои “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ”** унвон гирифта аз лиҳози фарогирии мавзӯи аслӣ, тарзи сужабандӣ, корбасти тамсилу ҳикоёт, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо оварда шудааст.

Зерфасли чорум **“Таъсирпазирии Аттор аз “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ”** номгузорӣ гардида, муқоисаи муҳтавои он бо “Мантиқ-ут-тайр”-и Аттор нишон дода шудааст.

Боби сеюми рисола **“Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва аҳамияти адабии он”** унвонгузорӣ ва ба 5 фасл тақсимбандӣ гардидааст. Фасли аввали боби мазкур **“Сабки нигориши “Савонеҳ-ул-ушшоқ”(забон ва услуб)”** буда, дар он навъи сабк аст ва истифодаи бамавриди луғоту таркибот, рамзу роз, ҷобаҷоиҳо дар Савонеҳ гуфта шудааст. Дар давраи Аҳмади Ғаззолӣ насри сода ва мурсали адабиёти форсӣ тоҷикӣ нисбат ба давраи насри фаннӣ ва сабки маснуъ, ки мутакаллиф аст, бештар ривоҷ дошт. Дар сабки маснӯъ нависанда кӯшиш бар он дорад, ки ҳар чи бештар аз забони муҳовара фосила бигирад ва дурӣ биҷӯяд.

Аҳмади Ғаззолӣ низ ҳамчун намояндаи бомаҳорати насри форсӣ-тоҷикӣ бо истифодаи боигарии забони халқ асосан аз ҳамин нуктаи назар ҷозибаю рехтагӣ, хулоса рӯҳи халқӣ бахшида, онҳоро вирди забони мардум гардонидааст.

Барои мисол, дар зер порчае аз “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ, ки аз калимаҳои лаҳҷавии хоси ӯ иборат аст, меоварем:

Сару рӯи ҳар чизе нуқтаи пайванди ӯст ва ояте дар сунъи мутаворӣ аст. Ва ҳусн нишони сунъ аст ва сару рӯи он руест, ки рӯй дар вай дорад ва то он сару рӯ набинад ҳаргиз ояте дар сунъу ҳусн набинад. Он рӯй

ҷамоли **ва ябқо ваҷҳи раббика** аст. Дигар худ рӯй нест, ки **куллу ман алайҳа фан** ва он рӯй ҳеҷ аст то бидонӣ.

Ҳамчунонки мушоҳида гардид, дар мисоли болоӣ калимаи «ибтидо ва интаҳо» дар шакли калимаи лаҳҷавии «сару рӯй» истифода шудааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» дар насри фаннӣ падид омадааст ва бо ҳамаи кӯшиши муаллиф дар соданависӣ ва ба қавли устод Баҳор «қадре аз ҳайси санъати ибтидоӣ аст ва низ якдаст нест... гоҳе насрӣ аст дорои қаринасозӣ ва мувозинаи саҷъҳои пай дар пай ва муқаррар монанди Хоҷа Абдуллоҳ ва Қози Ҳамидуддин ва дар насрҳо оёту аҳодис ва рубоиҳои латифи дигар анвои шеър аз тозӣ ва порсӣ ёфт мешавад».

Фасли дуюми боби сеюм **"Истифодаи истилоҳоти ирфонӣ дар "Савонеҳ-ул-ушшоқ"** мебошад. Дар ин фасл корбасти истилоҳоти адабӣ ва ирфониро дар **"Савонеҳ-ул-ушшоқ" нишон додаем**. Намуна:

Аз ҷумлаи нукоти муҳиме, ки дар китоби "Савонеҳ-ул-ушшоқ" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, назарияи "иттиҳод" ва ё як шудани ошиқ бо маъшуқ (солик бо ҳақиқати мутлақ) аст. Фанои нафсонӣ ва тарки тааллуқот шарти аслии "ягонагӣ бо маъшуқ" аст. Ғаззолӣ ба манзури баён кардани масъалаи "иттиҳод" ба абёте аз Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ истинод мекунад:

Ман он касам, ки ӯ маро қасд кард ва касе, ки маро хоста ман ҳастам,
Мо ду руҳем, ки ба як бадан ҳулул кардаем.
Пас замоне ки маро дидӣ, ӯро дидаӣ,
Ва замоне, ки ӯро дидӣ, моро дидаӣ,

Фасли сеюми боби сеюми рисола **"Санъатҳои бадеӣ дар "Савонеҳ-ул-ушшоқ" ва "Рисолат-ут-туюр"** унвон дорад. Дар ин фасл авомили қоидагоҳӣ ба гунаҳои мухталиф дар баёну бадеъи маънавӣ мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст, ҳамчун ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва ғайра.

Ташбеҳот низ ҳамчун дигар сувари хаёл дар "Савонеҳ-ул-ушшоқ" бисёр сода ва ба дур аз дурпарвозии хаёл сохта шудааст ва гоҳ як мушаббаҳ биҳи барои мушаббаҳҳои гуногун ба кор меравад. Ғаззолӣ ташбеҳро ба зарурат ба кор мегирад, то ба василаи он битавонад ишоратро ба иборат дароварад ва хонандаро ба умқи маънии сухани худ роҳ диҳад ва ба ин гуна аст, ки фаҳми бархе аз иборот танҳо дар сояи тасовири хаёлӣ имконпазир аст, ки ташбеҳот онро ба вуҷуд овардааст:

"Гоҳ ишқ осмон буд ва руҳ замин, то вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад, гоҳ ишқ тухм буд ва руҳ замин, то худ чӣ бирӯяд, гоҳ ишқ гавҳари коне буд ва руҳ кон, то худ чӣ гавҳар ояд ва чӣ кон, гоҳ офтоб буд дар

осмон руҳ то худ чун тобад, гоҳ шиҳоб (шӯъла) буд дар ҳавои руҳ то худ чӣ сӯзад, гоҳ зин буд бар маркаби руҳ то худ, кӣ барнишинад, гоҳ лаҷом буд бар сари саркаши руҳ, то худ ба кадом ҷониб гардонад”.

Истиора дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ” камтар аз ташбеҳ ва бештар аз кинояву маҷоз ба кор гирифта шудааст. Истиораҳои мусарраҳа дар он осонёб аст ва хонандаро дар дарёфти он мушкилие дар пеш нест:

“Ҳақиқати ӯ (ишқ) аз ҷиҳот муназзаҳ аст, ки ӯро рӯй дар ҷиҳате намебояд дошт, то ишқ бувад, аммо надонам, то дасти касби вақт об ба

Фасли чоруми боби сеюми рисола **“Истифодаи оят ва аҳодис дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** номгузорӣ шуда, дар ин фасл усулҳои истифодаи оёт дар китоби “Савонеҳ-ул-ушшоқ” гуфта мешавад. Аҳмади Ғаззолӣ дар бештари маврид қисме аз оёт, аввал ё миёнаи онро ба кор гирифта, гоҳе оятро ба қасди такмили сухани қаблӣ меоварад.

Фасли панҷуми боби сеюми рисола **“Истифодаи ашъор ва ҳикоёт дар “Савонеҳ-ул-ушшоқ”** номгузорӣ шудааст. Дар ин фасл аз ҳунари шоирӣ ва маҳорати овардани ашъори дигар адибон дар асараш барои тақвияти фаслҳо ва ашъори форсию арабӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Монанди бисёре аз суфӣ  Аҳмад Ғаззолӣ аз табъи шоири бархурдор буд. Ин матлабе аст, ки аз гуфтори ӯ дар осораш ба хусус “Савонеҳ” пайдост. Ҳарчанд девони шеъре аз худ ба ҷо нагузошт ва наметавон ӯро ба маънии комил як "шоир" ба шумор овард, завқ ва қурбати шоирӣ дошт ва гоҳ-гоҳе ба муносибати ҳол абёти ба форсӣ ва арабӣ месуруд. Ин нуктаро ӯ худ дар китоби “Савонеҳ” фасли 17 тасреҳ карда, сипас ин рубоиро ба қавли худаш дар·" Рӯзгори ҷавонӣ"  суруда ва нақл кардааст:

То ҷоми ҷаҳоннамой бар дасти ман аст,<br>
Аз рӯи хирад чархи барин пасти ман аст.<br>
То Каъба нест қибла ҳасти ман аст,<br>
Ҳушёртарин халқи ҷаҳон масти ман аст.

Пажӯҳиши зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ дар навбати аввал муқаррар месозад, ки ӯ яке аз нависандагон ва намояндангони насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик ба шумор рафта, афкору андешаҳои вай барои ривоҷу равнақи мактабҳои фалсафӣ ва ирфонии асримиёнагии форсу тоҷик нақши муассир гузоштаанд. Бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиву илмӣ равшан мешавад, ки насаби комили ӯ Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ  буда, аз китоби “Савонеҳ” равшан мегардад, ки дар он рӯзгор ин адиб пеш аз ҳама бо номи Аҳмад маъруфият доштааст.

Таҳқиқ дар мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ муқаррар месозад, ки ин донишманди соҳибном дар баробари ҳамчун ҳаким, файласуф ва ориф ном баровардан, дар ривоҷи насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик бо таълифи осори мансур, хоса "Савонеҳ" ном баровaрда, ҳамчун адиб ва нависанда дар ривоҷи адабиёт дар асрҳои миёна хидмат босазое ба анҷом расонидааст.

Барои таваҷҷуҳатон ташаккур!

Дар қисмати саволу ҷавоби маҷлис ба унвонҷӯ чунин саволҳо дода шуданд:

**Савол:** профессор Ғафорова З.А. – Кадом вижагии эҷодиёти аҳмади Ғаззолиро номбар карда метавонед, ки дар осори дигар носирон ҳамин вижагӣ мавҷуд набуд? Навоварии насри ӯ дар чӣ буд?

**Ҷавоб: -** Ташаккури зиёд барои савол муаллимаи азиз! Аҳмади Ғаззолӣ бисёр бо сабк ва услуби хоса дар осори худаш суханронӣ мекунад ва бо насри сода ва ба сабки хуросонӣ бисёртар сухан кардааст ва вижагиҳои бисёр хосе дорад, ки дар осори дигар аз донишмандон ва ё адибон ин чиз катмар ба назар мерасад. Масалан шеваи муаллиф ҳангоми баёни таълимоти ирфонӣ ва матлаби илмӣ ғолибан дар оғози ҳар фасл чунон содаю табиию равон аст, ки содагии сухан ва кӯтоҳии ҷумлаҳо робитаҳои шеваи сухани муаллифони рӯзгори сомониро бисёр хотиррасон мекунад.

**Боз як саволи дигар:** профессор Ғафорова З.А. – Шумо дараҷаи омӯхташавии мавзуъро нагуфтед, навоварии кори шумо дар чист?

Ташаккур! Аслан, дар адабиётшиносии тоҷик Аҳмади Ғаззолӣ пурра таҳқиқу баррасӣ нагардидааст. Гоҳ-гоҳе зимни таҳқиқоти хеш донишмандони тоҷик аз он сухан кардаанд, лекин Мусаллам аст, ки баррасии зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯзам ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ нашудааст ва шояд яке аз аввалин омили зуҳури чунин муаммо ба ҳуруфи сириллик нашр нагардидани осори ӯ маҳсуб ёбад. Ҳарчанд муҳаққиқони таърихи афкори фалсафии тоҷик чун Кароматулло Олимов, Мусо Диноршоев, Нозир Арабзода, Нодир Одилов ва дигарон бештар дар мавориди муайян ҷиҳати фалсафиву ахлоқии ӯро дар равиши корҳои илмии худ, ки ба мавзӯоти дигаре ихтисос ёфтаанд, ишора кардаанд, аммо зуҳури чанд таҳқиқоти ҷудогонаи марбут ба афкори фалсафиву иҷтимоии ӯ ба даҳсолаҳои охир пайванд мегирад, ки ин амр бозкунандаи оғози тамоюли таҳқиқи мероси ин мутафаккир аз диди фалсафӣ мебошад. Муҳаққиқи тоҷик Амирхонов Ш. дар рисолаи номзадӣ масъалаи ҷаҳонбинии ирфонӣ дар рисолаҳои

Аҳмади Ғаззолиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, аммо бо ин ҳама тавре гуфта омад, таҳқиқи арзишҳои адабии осори адиб ва муҳимтар аз ҳама ҷойгоҳи вай дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои миёна ба дурустӣ ва ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Ин ҷо танҳо метавон аз баъзе пажӯҳишҳои анҷомдодаи академик Салимов Н., ки дар заминаи анҷоми пажӯҳиши гаронқадре перомуни наср ва такомулу таҳаввули он дар адаби форсӣ-тоҷикӣ, ки бо номи «Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик» (асрҳои IX-XIII) нашр шуда, бахше аз ин китобро ба нақду баррасии насри сӯфия, бавижа насри мазҳабӣ ихтисос дода, доир ба забон ва наҳваи баёни рисолаҳои ирфонӣ ва ҳусну қубҳи онҳо, аз ҷумла «Савонеҳ-ул-ушшоқ»- и Аҳмади Ғаззолӣ андешаҳои хешро дар пайванд сохтаанд.

Таҳқиқу баррасии осори Аҳмади Ғаззолӣ, нашри китобҳои ӯ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кӯшиши Аҳмади Афлокӣ, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, Ҳашматуллоҳи Риёзӣ, Муҷтабо Минавӣ, Аҳмади Тафаззулӣ, Шафеии Кадканӣ, Саид Абдулфотеҳ ва дигарон анҷом ёфтааст.

**Савол:** профессор Н. Муродӣ.– оё Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс” дар бораи Аҳмади Ғаззолӣ ёдовар мешванд? Агар ҳа аз кадом диду назар?

**Ҷавоб:** - Ташаккури зиёд! Шуҳрати Аҳмади Ғаззолӣ биёр бузург аст. Лекин ӯ дар зери сояи Муҳаммадӣ Ғаззолӣ мондааст, лекин ҳангоми баррасии осори ӯ маълум мегардад, ки бисёр адибони дигар аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс” дар бораи Аҳмади Ғаззолӣ ёдовар шудаанд. Ҷомӣ дар “Нафаҳот-ул-унс” аз “Саонеҳ-ул-ушшоқ” зикр мекунанд.

**Савол:** профессор Н. Муродӣ.– оё метавон гуфт, ки Аҳмади Ғаззолӣ бо бародараш Муҳаммади Ғаззолӣ аз ҷиҳати тариқати ирфонӣ ҳамфикр буданд?

Барои худ аз оғози кори илмӣ дарк намудам, ки бисёри муҳаққиқон аз ҷумла Ҳашматуллоҳ Риёзӣ зикр мекунад, ки ҳар ҷо ки сухан аз Аҳмади Ғаззолӣ меравад, аз Муҳаммади Ғаззолӣ низ сухан карда мешавад. То ҷое ки Насруллоҳ Пурҷаводӣ, Аҳмади Муҷоҳид ва Ҳашматуллоҳ Риёзӣ маълумот додаанд, Аҳмади Ғаззолӣ дар пайравии андешаҳои Муҳаммади Ғаззолӣ асарҳои худашро эҷод кардааст ва ҳатто муддате ба ҷои ӯ дар мадрасаи Низомия устодӣ кардааст.

**Савол:** профессор Н. Муродӣ.- мутаассифона дар ҷаҳони имрӯза саморо рад мекунанд. Шумо дар ин бора чӣ андеша доред?

Ҷавоб- “Савонеҳ-ул-ушшоқ” шиносномаи Аҳмади Ғаззолӣ маҳсуб меёбад ва чуноне ки шумо гуфтед само яъне тасаввуф раднопазир аст. Осори Амади Ғаззолӣ саропо ишқ аст чуноне ки мегӯяд: “Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо...” ва ин андешаҳо аз адабиёт дур буда наметавонад.

**Гузориши муқарризи холис Нуров Н: (Гузориш замима карда мешавад)**

**Эродҳо:**

1. Ба назари мо, муттаҳид намудани фаслҳои дувум ва савуми боби аввали диссертатсия мувофиқи мақсад мебошад. Баробари ин, ба қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ овардани маълумот дар бораи пажӯҳишҳои

дар Тоҷикистон анҷомёфта, аз ҷумла иттилоъ дар бораи рисолаи адабиётшинос Баҳром Мирсаидов, ки дар фасли дувуми боби дувуми диссертатсия зикр гардидаанд, муҳим ба назар мерасад.

2. Тибқи муқарраpоти таълифи диссертатсияҳои илмӣ Хулосаи он бояд аз ду банд таркиб ёфта, дар қисмати дувум тавсияҳои амалӣ манзур шаванд. Дар диссертатсияи мавриди тақриз тавсияҳои амалӣ мавҷуд намебошанд ва диссертантро зарур аст, ки онро ба Хулосаи диссертатсия илова намояд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд,ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст.

**Сухан ба диссертант Саидғанизода Саидсултонхон дода шуд:**

Ташаккур, ки кори маро назар кардед ва он камбудиҳое, ки гуфтед ҷиҳати хатои техникӣ ва муттаҳид кардани баъзе аз фаслҳо бо машварати роҳбари илмиам бартараф хоҳем кард.

**Гузориши муқарризи холис Исмаилова М: (Гузориш замима карда мешавад)**

**Эродҳо:**

1. Ба назари мо, муттаҳид намудани фаслҳои дувум ва савуми боби аввали диссертатсия мувофиқи мақсад мебошад.
2. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо мувофиқи мақсад аст.

**Сухан ба диссертант Саидғанизода Саидсултонхон дода шуд:**

Ташаккур, ки барои изҳори андеша нисбати кори шогирдонаи мо ва он камбудиҳое, ки гуфтед бо машварати роҳбари илмиам бартараф хоҳем кард.

Раиси маҷлис дар идомаи ҷаласа чунин лоиҳаи **қарор**и маҷлисро пешниҳод намуд:

«Бо назардошти андешаҳои боло, ки иброз шуданд, Шӯрои олимони факултети забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо протоколи № 6 аз 25-уми январи соли 2023 диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» ҳамчун таҳқиқоти комилан анҷомёфта бо назардошти ислоҳи хатоҳои зикршуда барои баррасӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 037 назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) пешниҳод карда шавад.

**Иштирок доранд:** 21 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:

“тарафдор” – 21нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Протоколи № 6 аз 25-уми январи соли 2023.

Қарор якдилона қабул шуд. Бо ҳамин маҷлис бо рӯзномаи зикршуда хотима ёфт.

**Раиси маҷлис, дотсент:** **Раҳимов И.У.**

**Котиби маҷлис,**
**номзади илми филология:** **Содиқова Р.**

**“Имзоҳои И.У. Раҳимов ва Р.Содиқоваро тасдиқ мекунам”.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобочон Ғафуров»:** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**